*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-063*
*дар назди Донишгоҳи байналмилалии*
*сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон*
*( 734065,ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48\5)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Комилова Камила Наврӯзовна дар мавзуи «Такмили стратегияи маркетингии рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.26 — Маркетинг пешниҳод шудааст**

Дар шароити муосири рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пурзӯр гардидани рақобат дар бозори хизматрасониҳои молиявӣ, суръат гирифтани равандҳои рақамикунонӣ ва тағйир ёфтани рафтори истеъмолкунандагон масъалаҳои такмили стратегияи маркетингии бонкҳои тиҷоратӣ аҳамияти махсуси илмӣ ва амалӣ пайдо менамоянд. Бонкҳо ҳарчи бештар зарурати гузариш аз равишҳои анъанавии маҳсулотӣ ва амалиётӣ ба модели фаъолияти ба муштарӣ нигаронидашуда, ки ба омӯзиши амиқи талаботи муштариён, истифодаи технологияҳои рақамӣ, додаҳои калон ва воситаҳои муосири идоракунии маркетингӣ асос меёбад, эҳсос менамоянд.

Аз ин нуқтаи назар, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Комилова Камила Наврӯзовна мубрам ва саривақтӣ мебошад. Муаллиф омӯзиши асосҳои назариявию методологӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили стратегияи маркетингӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратиро ҳамчун омили таъмини рақобатпазирии дарозмуддати онҳо ва устувории низоми бонкии Тоҷикистон ҳадафи таҳқиқот қарор додааст.

Мантиқи сохтори таҳқиқот сазовори баҳои мусбат мебошад. Дар диссертатсия пайдарпай асосҳои назариявии ташаккул ва истифодаи стратегияи маркетингӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ, таҷрибаи хориҷӣ, вазъи бозори хизматрасониҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сатҳи истифодаи стратегияи маркетингӣ дар бонкҳои ватанӣ таҳлил гардида, самтҳои афзалиятноки такмили минбаъдаи он пешниҳод шудаанд.

Тавзеҳи пешниҳоднамудаи муаллиф оид ба стратегияи маркетингӣ ҳамчун низоми мукаммал ва мутобиқшавандаи таҳлил, банақшагирӣ ва идоракунии фаъолияти бонки тиҷоратӣ дар муҳити тағйирёбандаи бозорӣ дорои аҳамияти муайяни илмӣ мебошад. Дар ин равиш стратегияи

маркетингӣ на танҳо ҳамчун вазифаи алоҳидаи бонк, балки ҳамчун қисми муҳими низоми идоракунии стратегии он баррасӣ мегардад.

Кӯшиши муаллиф ҷиҳати пайвастани равишҳои классикии маркетинги бонкӣ бо тамоюлҳои муосири трансформатсияи рақамӣ низ қобили дастгирист. Дар таҳқиқот зарурати гузариш ба модели ба муштарӣ нигаронидашуда, истифодаи васеи каналҳои рақамӣ, низомҳои CRM, додаҳои калон, зеҳни сунъӣ, фардикунонии маҳсулоти бонкӣ ва ҳамкорӣ бо ширкатҳои финтех асоснок карда шудааст.

Арзиши амалии таҳқиқот, аз ҷумла, дар арзёбии сатҳи татбиқи стратегияи маркетингӣ дар бонкҳои гуногуни тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Муаллиф нишон медиҳад, ки сатҳи истифодаи чунин стратегия дар бонкҳо яксон нест: дар як гурӯҳ унсурҳои маркетинги стратегӣ нисбатан васеъ истифода мешаванд, дар гурӯҳи дигар бошад, равишҳои анъанавии маркетингӣ ҳанӯз бартарӣ доранд. Ин ба муаллиф имконият додааст, ки пешниҳодҳои худро вобаста ба сатҳи рушди маркетинг дар бонкҳо мушаххас намояд.

Маҷмуи пешниҳодҳо оид ба рушди хизматрасонӣ ва маҳсулоти рақамии бонкӣ, истифодаи экосистемаҳои рақамӣ ва «бонкдории кушода», рушди маркетинги иҷтимоию экологӣ, маблағгузории «сабз» ва ҳамкорӣ бо ширкатҳои финтех низ аҳамияти амалӣ дорад. Пешниҳоди таҳия ва татбиқи модели сесатҳаи стратегияи маркетингӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ассотсиатсияҳои соҳавӣ низ қобили таваҷҷуҳ мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқот дорои хусусияти амалӣ буда, тавсияҳои муаллиф оид ба сиёсати маркетингии ба муштарӣ нигаронидашуда дар Бонки миллии Тоҷикистон ва фаъолияти ҶДММ ТАҚХ «Стандарт молия» мавриди истифода қарор гирифтаанд. Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот муаллиф 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст.

Дар баробари бартариҳои зикршуда нисбат ба автореферат баъзе мулоҳизаҳо баён кардан мумкин аст.

Якум, бо назардошти рушди босуръати зеҳни сунъӣ, додаҳои калон, экосистемаҳои рақамӣ ва «бонкдории кушода», дар таҳқиқот механизми ворид намудани онҳо ба низоми идоракунии стратегии маркетингӣ ва нишондиҳандаҳои мушаххаси арзёбии самаранокии истифодаи онҳо метавонист муфассалтар инъикос гардад.

Дуюм, модели сесатҳаи стратегияи маркетингӣ, ки муаллиф пешниҳод менамояд, дорои аҳамияти назаррас мебошад. Аммо дар автореферат метавонист мазмуни ҳар як сатҳи он, механизми ҳамкории Бонки миллӣ, ассотсиатсияҳои соҳавӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ, инчунин марҳилаҳои татбиқи амалии модел муфассалтар нишон дода шавад.

Мулоҳизаҳои мазкур хусусияти тавсиявию мубоҳисавӣ дошта, арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқоти иҷрошударо коҳиш намедиҳанд.

Дар маҷмӯъ, автореферат нишон медиҳад, ки диссертатсияи Комилова Камила Наврӯзовна таҳқиқоти мустақил ва анҷомёфтаи илмӣ буда, дорои натиҷаҳои нави илмӣ ва тавсияҳои амалии аҳамиятнок дар самти такмили стратегияи маркетингии бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, чунин мешуморам, ки диссертатсияи Комилова Камила Наврӯзовна дар мавзуи «Такмили стратегияи маркетингии рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи муосир» ба талаботи муқарраргардида нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.26 — Маркетинг мебошад.

**Муқарриз,**
**Раиси Ассотсиатсияи миллии менеҷерон ва маркетингшиносони Тоҷикистон, д.и.и., профессор** **Бозоров Ш.Ш.**

Имзои д.и.и., профессор Бозоров Ш.Ш. - ро тасдиқ менамоям.

Суроғаи шахсӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, н. Исмоили Сомонӣ, кӯч. З. Хоҷаев 4. E-mail: sbazarov@mail.ru. +992 918133339.

**Мутахассиси Ассотсиатсияи Миллии менеҷерон ва маркетингшиносон** **Халифаева М.Ҷ.**

Суроға корпоративӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 137, Тел.: +992 981981981, E-mail: mbaintj@gmail.com

«12» августи соли 2026